МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№9 (73),
СЕНТЯБРИ СОЛИ 2021
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Бингар ба Ватан, Истиқлол омадааст!

## Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ, 7 сентябри соли 2021, ш. Душанбе



Муҳтарам генералҳо ва афсарону сарбозон!

Имрӯзҳо хурду бузурги Тоҷикистони маҳбуби мо дар остонаи ҷашни бузурги миллиамон - сиюмин солгарди Истиқлолу озодии Ватан қарор доранд.

Чорабиниҳои расмии ин ҷашни муқаддас имрӯз бо расми гузашти хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва афсарону сарбозони захираҳои сафарбарӣ, яъне муҳофизони истиқлоли Ватан, марзу буми давлати соҳибихтиёр ва ҳомиёни қонунияту тартибот оғоз мешавад.

Ба ифтихори ин санаи муборaку сарнавиштсоз тамоми ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳар яки шуморо, ки ҳоло дар ин майдон саф оростаед, самимона табрик мегӯям.

Ҳарчанд ки мардуми мо баъди расидан ба ин рӯзи босаодат, яъне истиқлолу озодӣ ба имтиҳони бисёр сахту сангини таърих - ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардиданд, вале ба шарофати хиради азалии худ ба аҳли башар исбот намуданд, ки метавонанд тахти парчами истиқлол ва соҳибихтиёрии миллӣ сарҷамъ гардида, давлати худро соҳибӣ намоянд ва Ватани хешро бо заҳмати содиқона ободу зебо гардонанд.

Дар роҳи баркарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмини сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар нақши барҷастаи таърихиро иҷро карданд.

Ба хотири таъмин намудани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва зиндагии осудаи сокинони кишвар садҳо нафар афсарону сарбозони шуҷои мо ҷони худро қурбон карданд, ки мо дар ин лаҳзаҳои ботантана ва ҳамеша номи нек ва хотираи онҳоро гиромӣ медорем.

Мо бо хизмати софдилонаву ватандӯстонаи низомиёни кишвар, яъне фарзандони далеру ҷасур ва ғаюру шуҷои миллат ифтихор мекунем.

Бовар дорам, ки онҳо қарзи фарзандӣ, вазифаи шаҳрвандӣ ва рисолати ҷавонмардии худро дар назди миллат, Ватан ва давлат минбаъд низ содиқона ба ҷо меоранд.

Зеро мардум ва давлати Тоҷикистон дар симои ҳар як хизматчии ҳарбӣ ва ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳомии зиндагии осуда, муҳофизи амният, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳимоягари манфиатҳои милливу давлатиро мебинанд.

Эътимоду умеди мардум ҳар яки шумо - фарзандони содиқи Ватанро водор месозад, ки ҳамеша ҳушёр бошед, зиракии сиёсиро аз даст надиҳед, сатҳи касбият ва омодагии ҷангии худро мунтазам баланд бардоред, намунаи риояи қонунияту тартибот ва интизоми ҳарбӣ бошед.

Зеро Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷумлаи шохсутунҳои кохи муҳташами истиқлолу озодии Ватан, кафолати зиндагии оромии мардум ва рушди муназзаму устувори давлати тоҷикон мебошад.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат барои ба талаботи рӯз ва вазъи мураккаби ҷаҳони муосир мутобиқ гардонидани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ ва баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда, бо ин мақсад аз тамоми захираву имкониятҳо истифода мекунанд.

Дар ин раванд, боз ҳам беҳтар таъмин намудани ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо техникаву таҷҳизоти ҳозиразамон, силоҳу муҳимоти ҷангӣ ва дастгирии молиявию иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки мо ба ҳалли онҳо эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ медиҳем.

Вақтҳои охир вазъи минтақа ва ҷаҳон вобаста ба вусъат пайдо кардани фаъолияти ҳаракату созмонҳои террористӣ, экстремистӣ ва радикалӣ, низоъҳои диниву мазҳабӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ боиси ташвишу нигаронии ҷиддии сокинони сайёра, аз ҷумла мардуми мо гардидааст.

Тибқи таҳлилу пешгӯиҳо чунин вазъият дар минтақаву кишварҳои алоҳидаи дунё дар оянда идома пайдо мекунад ва ҳатто шиддати бештар касб менамояд.

Дар чунин шароит, роҳбарони Қувваҳои Мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хусусан, Қӯшунҳои сарҳадиро зарур аст, ки ҷиҳати таъмини ҳифзи сарҳади давлатӣ, амнияти ҷомеа ва давлат, ҳимояи зиндагии орому осудаи мардум ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани омодабошии ҷангии ҷузъу томҳо тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Бо итминони комил изҳор менамоям, ки афсарону сарбозони шуҷои мо минбаъд низ ба савганди ҳарбии худ, давлат, Ватан ва миллат содиқ монда, вазифаҳои дар назди онҳо гузоштаишуда, яъне ҳифзи марзу буми давлати соҳибихтиёри тоҷикон, истиқлолу озодии Ватан ва зиндагии орому осудаи халқи Тоҷикистонро бо сарбаландӣ, ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстӣ иҷро менамоянд.

Бори дигар тамоми хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, кулли кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат ва афсарону сарбозони захираҳои сафарбариро ба ифтихори ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ - сиюмин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистони маҳбубамон самимона табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо саломатӣ, рӯҳи қавӣ ва иродаи матин орзу менамоям.

Ҷовидону поянда бод Истиқлоли давлатии Тоҷикистон!

Шараф ба Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол!

# Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан



**Тибқи супориши роҳбарияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин навбат низ роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ бо гузаронидани Рӯзи дониш ва дарси сулҳ, ки ҳамасола рӯзи 1-уми сентябр доир мегардад, иштирок ва суханронӣ намуданд. Аз ҷумла, Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро дар ин рӯз дар Академия бо ҳайати омӯзгорону курсантон ва шунавандагони ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вохӯрӣ гузаронид.**

Вазири корҳои дохилӣ, саравввал устодону курсантон ва шунавандагонро бо Рӯзи дониш ва 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ муборакбод гуфта, ба онҳо фатҳи қуллаҳои баланди илму дониш таманно намуд.

Рамазон Раҳимзода аз иштирок ва суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Гимназияи №4 барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ёдоварӣ намуда, қайд кард, ки ҳамасола бо дарси сулҳ оғоз намудани соли нави хониш дар кишвари мо ба яке аз анъанаҳои нек табдил ёфтааст.

Номбурда дар такя ба ин суханронии Пешвои миллат, ки рӯзи 1-уми сентябри соли равон сурат гирифт, зикр намуд, ки давлатро кадрҳои донишманду соҳибмаърифат ва ватандӯсту ватанпарвар обод мекунанд. Ватан ва давлатро ҳаргиз бо ҷаҳлу бесаводӣ пеш бурдану соҳибӣ кардан имкон надорад. Зеро ҷаҳолату бесаводӣ фақат бадбахтиву номӣ меоварад. Ҳадаф аз фароҳам сохтани шароити беҳтарин барои таълиму тарбияи ҷавонон, аз он иборат аст, ки бо истифода аз чунин имкониятҳои мусоид хуб хонед, илму дониш омӯзед, касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ намоед ва дар оянда ба халқу Ватан ҳамчун кадрҳои ҷавон содиқона хизмат кунед.

Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро дар рафти суханронии хеш қайд намуд, ки нисбати курсантоне, ки ба таҳсили шакли шартномавӣ фаро гирифта шудаанд ва дар пардохт намудани маблағи шартнома танқисӣ мекашанд, минбаъд чунин имтиёз ҷорӣ карда мешавад: "Ташкил намудани озмуни "Китобхони беҳтарин", талаботи озмун, тибқи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", ба назар гирифта шавад ва курсантони ғолиб метавонанд аз гурӯҳи шартномавӣ ба гурӯҳи шакли таҳсили буҷавӣ гузаронида шаванд".

Номбурда иштирокчиёни ҷамъомади идонаро бори дигар ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ,



Рӯзи дониш ва дарси сулҳ, инчунин ифтитоҳи муассисаҳои навбунёди таълимӣ, ки дар тамоми қаламрави мамлакат дар арафаи ин ҷашни бузурги миллӣ дарҳои худро ба рӯйи фарзандони мардуми Тоҷикистон боз карданд, самимона табрик гуфта, барояшон тансиҳатӣ, умри бобаракат, ҳисси баланди милливу ватандӯстӣ, хониши хубу аъло ва иштироки фаъолона дар озмунҳо орзу намуд.

Дар охир, курсантони фаъол Сабрина Қодирова, Ҷононаи Зикриллох, Қурбоналӣ Сафарзода ва Хуршед Абдуллоев суханронӣ намуданд.

Бояд қайд кард, ки курсантони номбурда дар озмунҳои "Донишҷӯи сол", "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" фаъолона иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро ба даст овардаанд.

*А. Давлатшоева*

# Чорабинии тантанавӣ ба муносибати Ҷашни Истиқлол

Дар асоси нақшаи чорабиниҳои асосии Академия ва тасмими шуъбаи кадрҳои ин даргоҳи олии таълимӣ рӯзи 8-уми сентябр дар толори фарҳангӣ чорабинии тантанавӣ ва консерти идона бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо ширкати роҳбарият, собиқадорону курсантон ва омӯзгорону кормандон баргузор гардид.

Нахуст, ба муносибати ҷашни муқаддаси 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ сардори Академия, н.и.х., дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ маърӯза намуда, аз дастовардҳои 30 соли соҳибистиқлолӣ, фазои сулҳу суботи комили сиёсии кишвар бо талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷиистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумоти муфассал дода, ҳозирин ва собиқадорони мақомоти корҳои дохилиро бо ин ҷашни муқаддаси миллӣ табрику таҳният намуд.



Сипас, кормандони фаъолу собиқадорон бо фармоиши Вазири корҳои дохилӣ ва сардори Академия бо мукофоту тухфаҳо, медалҳои ҷашнӣ ва Сипосномаҳо қадрдонӣ карда шуданд.

Дар фарҷоми маҳфили идона аз ҷониби дастаи ҳаваскорони Академия консерт бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ пешкаш гардид, ки мазмуну муҳтавои он саршори муҳаббат ба Ватан, Парчами давлатӣ, Пешвои миллат ва сулҳу суботи кишвар буд.



Чорабинии тантанавӣ ва консерт бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар фазои идона баргузор гардида, рӯҳияи иширокчиёни онро хеле болида намуд.

*Ш. Убайдуллоев*

# Курсантон савганди садоқат ба Ватан ёд намуданд



Сарчашмаи асосии ҳуқуқ нишон медиҳад, ки ҳимояи Ватан вазифаи муқаддас барои кулли шаҳрвандон ба шумор рафта, ҳама дастҷамъона дар ҳифзи он ба таври фаъол иштирок намоянд. Хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ низ яке аз намунаҳои ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан ва Савганди хеш мебошад. Мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва таҳкими қонуният аз зумраи вазифаҳое мебошанд, ки дар назди кормандони ин мақомоти бонуфуз гузошта шудаанд ва ба ташаккули ватандӯстӣ мусоидат менамоянд. Матни Савганди ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми январи соли 1995 таҳти №167 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси дастури бевоситаи Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, санаи 25-уми сентябр бо иштироки сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, ҳайати шахсии Академия ва волидон маросими тантанавии қабули Савганди курсантони курси якум баъд аз гузаштан аз давраи машқҳои таълимӣ-саҳроӣ баргузор гардид.





Маросими мазкурро сардори Академия оғоз намуда, Суруди миллии Тоҷикистон ба таври зинда хонда шуд. Баъд аз воридшавии Байрақи Академия Файзалӣ Шарифзода дар баромадаш аз номи Вазири корҳои дохилӣ курсантонро ба муносибати Рӯзи қабули Савганд самимона шодбош гуфта, иброз намуд, ки дар шароити ҳозира низ милитсия бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва садоқат ба Савганд дар сафҳои аввали мубориза бар зидди ҷинояткорӣ қарор дорад. Имрӯз шаклҳои ҷинояткорӣ мураккаб шуда истодаанд, аз қабили терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар навъҳои муосири ҷинояткорӣ, ки дар мубориза бо онҳо кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бояд аз худ донишу малака ва маҳорати баланди касбӣ нишон диҳанд. Савганд - ваъда, қасами ботантанаи риояи садоқат ба Ватан, ифодаи вазифаи олии маънавии инсон дар ҷамъияти демократӣ ба ҳисоб меравад.

Дар идомаи чорабинӣ, курсантон дар вазъи тантанавӣ Савганд қабул намуданд.

Дар фарҷоми маросими савгандёдкунӣ аз ҷониби курсантони курси якум машқҳои якҳарба ва тактикӣ намоиш дода шуд.

*С. Сафарзода*

# Қадрдонии шаҳрвандон барои ҳамкорӣ бо Академия

Ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чанде аз шаҳрвандон, ки барои ободонӣ ва кабудизоркунии Академия саҳми арзанда гузоштанд, аз ҷониби муовини аввали сардори Академия, н.и.ҳ., полковники милитсия Насуриён П.А. бо медали ҷашнии "25-солагии Академияи ВКД" сарфароз гардонида шуданд. Тақдими медалҳо ба шаҳрвандон, ки дар рӯҳои таҷлил аз ин ҷашни миллӣ сурат гирифт, онҳоро хеле руҳбаланд намуд.





Ёдовар мешавем, ки чунин иқдомҳои неки роҳбарияти Академия барои тақвияти ҳамкории шаҳрвандон бо мақомоти корҳои дохилӣ мунтазам амалӣ карда мешаванд.

*Б. Асламов*

# Неъмате беҳтар зи Истиқлол нест



Баъди пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ дар ҳаёти сиёсию иқтисодии мардуми Тоҷикистон марҳалаи нав оғоз гардид.

Таърих гувоҳ аст, ки ҳар қавм, қабила, ҳатто хонавода таърихи худро дорад ва замоне бо иродаи афрод ва эҳтимоли шахсияти оқиле ба вуҷуд омада, ба дараҷаи халқият расидааст. Дар таърихи инсоният ҳамон миллат бурд кардааст, ки тақдир ба он шахсиятҳои бузургро ҳадя намудааст, ки вай халқу миллаташро дар атрофи худ муттаҳид гардонида, сарзамини хешро обод созад ва ҳудуди онро аз хатарҳои беруна эмин нигоҳ дорад, забон, фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллии худро пос дошта тавонад.

Инак ба бахти мардуми кӯҳанбунёди тоҷик фурсате ба даст омад, ки дар қатори дигар ҷумҳуриҳо, Тоҷикистон низ давлати соҳибистиқлолу озод эълон ва аз ин неъмати гаронбаҳои таърих баҳраёб гардид.

Истиқлоли миллӣ барои мардуми Тоҷикистон нисбатан осон ба даст омад. Тавре Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: "Ин Истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих ва тақдир буда, устувору пойдор нигоҳ дошта тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯз ва фардо мебошад".

Маҳз, 9 сентябри соли 1991 тамоми ҷаҳон Тоҷикистонро шинохт, баъди қабули Эъломия дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати мустақили Тоҷикистон арзи вуҷуд кард.

Қабули Эъломия боис гардид, ки аҳли олам бо давлати Тоҷикистон мустақилона додугирифт намуда, намояндагиҳои дипломатӣ ва тиҷоратии худро боз намуда, ҳамкориҳои тарафайнро ба роҳ монанд.

Ҳамин тавр, баъди қабули ин ҳуҷҷати муҳим давраи нави давлатдории тоҷикон, соҳибистиқлолии он оғоз ёфт.

Аммо аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ, дар роҳи пешравӣ душвориҳо пеш омаданд. Он гуна ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо иброз доштаанд: "Боиси таассуф аст, ки Истиқлолияти Тоҷикистон дар ибтидо ба душвориҳои сангин ва ихтилофҳои шадиди сиёсӣ рӯ ба рӯ омад. Қувваҳои дохиливу хориҷӣ, ки соҳибихтиёрии кишвари тоҷиконро чашми дидан надоштанд, мардуми тоҷикро бар зидди ҳамдигар шӯр андохтанд, ҷанги бародаркуш оғоз ёфт".

Мамлакат ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда, хатари маҳв шудан ва аз харитаи ҷаҳон нест гардидани давлати тозабунёди тоҷикон воқеӣ гардид. Ҷанги нанговари дохилӣ мардуми соҳибватанро беватан, кӯдаконро ятиму бенаво сохт.

Дар чунин лаҳзаҳои ҳассос барои миллати тоҷик бар эътибори давраҳои сарнавиштсози таърихи фоҷиабораш сарваре лозим буд, ки воқеан дӯстдори халқу ватани хеш бошад ва барои пойдории сулҳу ваҳдат тамоми ҳастии худро бахшад, шахсе лозим буд, ки манфиатҳои миллаташро аз манфиатҳои қавму маҳалу минтақа болотар донад.

Инак, оқибат хираду заковати халқ ва ақли солим ғалаба карда, дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд барпо шуд, ба ташкили давлату ҳукумати нави қонунии Тоҷикистон замина гузошт. Дар ин иҷлосияи таърихию тақдирсоз Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ҳамчун сиёсатмадори даврони нав саробонии миллати азияткашидаи тоҷикро ба дӯш гирифта, меъмори сулҳу ваҳдат, якпорчагӣ ва созандагӣ дар кишвар гардиданд.

Эмомалӣ Раҳмон лаҳзаҳои нахустини ба мақоми баланд омаданашон дар ҳамон иҷлосияи таърихӣ изҳор карданд, ки: "Ман ба Тоҷикистон сулҳ меоварам ва дар ин роҳ агар лозим шавад, ҷони худро дареғ намедорам".

Сарвари давлат ба ваъдаи додаашон худ вафо карданд. Дар натиҷаи талошҳои пай дар пай ва воҳӯриву гуфтушунидҳои зиёд санаи 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки ин тантанаи сиёсати хирадмандона ба ҳисоб меравад ва ҳақиқатан як будани қавлу амал ва зоҳиру ботини Сарвари давлатро нишон медиҳад. Имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷиконро созмонҳои байналхалқӣ омӯхта истодаанд. Масалан, соли 2001 дар шаҳри Душанбе конфронси байналхалқии омӯзиши сулҳи тоҷикон баргузор гардид, ки аҳамияти ниҳоят бузург дошта, боиси ифтихори мо тоҷикон, мебошад.

Дар баромадҳои зиёдашон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки: "Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонида бошад, медонад, ки дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад, аммо ниҳоле низ вуҷуд дорад, ки ҳамеша меваи ширин меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид ва дар оянда ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он расад".

30 соли сипаришудаи Истиқлол марҳилаи бунёди таҳкурсии Тоҷикистони навин - Тоҷикистони асри XXI ба ҳисоб меравад.

Мо имрӯз бо камоли ифтихор гуфта метавонем, ки дар диёри тоҷикон Истиқлол бо қадамҳои устувор ва файзи хосса ҳукмрон аст. Аз шарофат ва баракати Истиқлол тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ эҳё гардида, аз соли 2000-ум инҷониб рушди бемайлони иқтисоди миллӣ ба амри воқеӣ табдил ёфтааст. Ин ҳама дигаргунсозиҳои умедбахш боварии аҳолиро ба фардои саодатманди кишвар тақвият мебахшад.

Дар ин раванд, барномаҳои соҳаҳои мухталиф тарҳрезӣ шуда, хосатан, барномаи ислоҳоти иқтисодӣ, ки ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар равона шудааст, устуворона ботадриҷ татбиқ мегардад. Сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат ҳам, дар навбати аввал, ба таъмин кардани зиндагии мардум, беҳбудӣ бахшидан ба ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тарбияи насли солиму бомаърифат равона шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама баромадҳояшон изҳори умеду боварӣ менамоянд, ки кадрҳои ҷавону болаёқати ба вазифаҳои пурмасъулият таъингашта, бо истифода аз донишу малака, тафаккури наву созанда ва роҳу усулҳои муосири идоракунии давлатӣ метавонанд дар рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии кишвар саҳми арзанда гузоранд.

Инчунин, бино ба таъкиди Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маориф аз асосҳои муътақиди рушду тараққиёти ҳар як давлату миллат мебошад, зеро рушду нумӯи ҷомеа, таъмини амнияти ҷомеаву давлат ва ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, татбиқи дастовардҳои техника ва технологияи муосир бевосита ба рушди соҳаи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён, хулоса ба сатҳи ҷойгиршавии миллат дар арсаи байналмилалӣ вобаста мебошад.

Воқеан, Сарвари давлати тоҷикон аз соли 1993 то инҷониб аз минбари Созмони Милали Муттаҳид чандин маротиба дар мавзӯъҳои мухталиф ва мубрами рӯз суханронӣ карда, бо нутқи хирадмандона ва сиёсати якрӯёнаву давлатсозонаи тоҷиконро барои оламиён изҳор намудаанд.

Талошҳои пайвастаи Сарвари давлати мо барои пешрафту ободонии Ватани азизамон дар давлатҳои хориҷа ва созмонҳои байналмилалӣ низ қадр мекунанд, чунончӣ доктор Масъуди Миршоҳӣ ҷоннисорӣ ва талошҳоиояндасозии Президенти кишвари тоҷикон Эмомалӣ Раҳмонро муоина карда навиштааст: "Ташаббусҳову ибтикороти Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати бунёди кишвари мутараққӣ басо ибратомӯз, шахсияти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чун инсони олиҳиммат ва фурӯтан, парастишгари меҳан ва тарғибгари илму фарҳанг ба ҳаддест, ки сокинони муқими Фаронса ва Аврупоро ба ваҷд меорад ва меҳри эшонро ба кишвари зебои тоҷикон бештар месозад".

Дар марҳилаи кунунӣ ҳар фарди ҷомеаро зарур ва қарз аст, ки муҳофиз ва нигаҳдори Кохи Истиқлол бошанд ва бо эҳсоси саршори ватанхоҳиву сулҳпарастӣ онро ба наслҳои минбаъда комилу бегазанд ба мерос гузоранд, зеро ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар арсаи байналхалқӣ ба сатҳи арзанда расонидан аз саъю кӯшиши ҳар як шаҳрванди он вобастагии калон дорад.

Мо, ҳамватанон ҳам, сарҷамъона ғояҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳар солу ҳама рӯз дастгирӣ намуда, бо ифтихор ба Кохи Истиқлол хишт мегузорем ва Тоҷикистони азизамонро рушду нумӯъ бахшида, бо итминони комил гуфта метавонем, ки дар солҳои наздик ҳадафҳои стратегии давлати мо дар амал татбиқ гардида, ҳама дар маҷмӯъ, ба таъмини сифат ва сатҳи шоистаи зиндагии мардум мерасем.

Барои фатҳи ин ҳадафҳо аз ҳар фарди худогоҳу бедордил ва ҳар як шахси ватандӯст тақозо мегардад, ки пеш аз ҳама, манфиатҳои халқу давлат ва Ватани азизи худро аз ҳама чиз афзалтар шуморида, ба хотири ободии Ватан, таҳкими иқтидори давлат ва осоиштагии мардум кору фаъолият намоянд ва дар раванди созандагиву ободонии сарзамини куҳанбунёди хеш ширкати фаъол дошта бошанд.

*А. Ҳокироев,*
*сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №4, номзади илмҳои таърих, полковники милитсия*




# Омӯзгорони Академия аз Раёсати ВКД дар ВМКБ боздид намуданд

**Дар толори РВКД дар ВМКБ ҷаласаи навбатӣ бо иштироки гурӯҳи корӣ, устодони Академияи ВКД таҳти роҳбарии полковники милитсия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ёрдамчии сардори Академияи ВКД Назарзода Носир Ҷобир баргузор гардид.**

Ҷаласаро сардори РВКД дар ВМКБ полковники милитсия Мирзомуродзода Рустам Тағоймурод оғоз бахшида, қайд намуд, ки дар Раёсати ВКД дар ВМКБ бо дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро озмуни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ байни мақомотҳои барандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва муайян намудани беҳтарин кормандон дар самти мазкур бо иштироки масъулини Академияи ВКД гузаронида мешавад.

Мавсуф зикр намуд, ки кормандони беҳтарин, ки аз худ маҳорату малака ва дониши хубу мукаммалро нишон медиҳанд, сазовори ҷойҳои намоён мегарданд ва аз номи Вазири корҳои дохилӣ ва сардори РВКД дар ВМКБ бо тухфаҳои арзишнок қадрдонӣ карда мешаванд.

Зикр гардид, ки имрӯз барои баланд бардоштани донишу малакаи касбии ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии ВМКБ дарсҳои амалӣ ва озмунҳои самти фаъолияти оперативӣ-хизматии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ роҳандозӣ карда шудаанд.

Ёрдамчии сардори Академияи ВКД полковники милитсия Назарзода Носир Ҷобир зимни баромад аз меҳнатҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мардуми кишвар ёдоварӣ намуда, қайд кард, ки маҳз бо сиёсати хирадмандона ва дастгирию ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва халқи баору номуси кишвар имрӯзҳо дар Ватани азизамон тинҷию оромӣ ва сулҳу субот таъмин мебошад. Мавсуф дар идомаи баромад, ҳамчунин аз дастовардҳои даврони 30 соли соҳибистиқлолии кишвар, сохта ба истифода додани биноҳои маъмурӣ ва баландошёна, сохтмон ва таъмиру азнавсозии роҳҳои автомобилгарди кишвар, пойдории сулҳу субот ва амнияти шаҳрвандон ёдоварӣ кард.



Баъди анҷоми ҷаласа устодони Академияи ВКД аз гӯшаи китобҳо, ки бо асарҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар РВКД дар ВМКБ ҷой гирифтаанд, дидан намуданд.

Намояндагони Академияи ВКД як теъдод китобҳои самти фаъолияти хизматиро ба ин китобхона тухфа намуданд. Тавре онҳо иброз доштанд, ҳайати шахсӣ бояд пайваста ба мутолиаи китобҳои самти фаъолияти хизматӣ ва асарҳои шоирону нависандагони муосиру классик ва ҷаҳонӣ барои баланд бардоштани малакаи дониши худ диққати зарурӣ равона созанд.

***Далер Чоршанбе,***
***майори милитсия***
***Рудоба Чаманова,***
***лейтенанти милитсия***



# Курсанти Академия қаҳрамони Осиё гардид

Масъалаи беҳдошти саломатии ҷавонон ва рӯ овардани онҳо ба варзиш яке аз ҳадафҳои аслии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бисёре аз суханрониҳояшон ҷиҳати аз худ намудани илму дониш, машғул шудан ба варзиш ва пешгирии амалҳои номатлуб дар байни наврасону ҷавонон иброз медоранд, ки рӯ овардан ба варзиш асоси беҳдошти солимии ҷомеа мебошад.

Дар асоси ин гуфтаҳо рӯзҳои 14-15 сентябр дар шаҳри Абу-Дабии Аморати Муттаҳидаи Араб Чемпионати Осиё-2021 аз намуди варзиши ҷиу-ҷитсу дар байни 10 давлат баргузор гардид, ки дар ин мусобиқа курсанти курси 5 сержанти хурди милитсия Маъруфҷон Назарзода сазовори ҷойи аввал ва соҳиби медали тилло гардид.

Ба хотири ҳунарнамоии ҷолиб ва натиҷаи олии нишондодаи Маъруфҷон Назарзода парчами давлатӣ парафшон шуда, Суруди миллии Тоҷикистон дар шаҳри Абу-Дабӣ садо дод.

Дар ин замина қайд кардан зарур аст, ки роҳбарияти ВКД ва Академияи он баҳри рушди ҳамаҷонибаи варзиш саъю кӯшиш ба харҷ дода, ба хотири самаранокии кор дар ин самт миёни кормандону курсантон оид ба навъҳои гуногуни варзиш мусобиқаҳои мухталиф мегузаронанд.

***С. Сафарзода,***
***Ш. Убайдуллоев***

## Курсантдухтарон бо хобгоҳ таъмин гардиданд

Дар асоси дастурҳои пайвастаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри ҳифзи иҷтимоии насли ҷавони мақомоти корҳои дохилӣ, бо ташаббуси Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва роҳбарияти Академия як қатор курсантдухтарон барои



истиқомат бо хобгоҳи зертобеи Раёсати таъминоти моддӣ, техникӣ ва низомии ВКД, ки бо тамоми шароити маишӣ таъмин мебошад, таъмин карда шуданд.

Дар рафти ҷобаҷо намудани онҳо дар хобгоҳи мазкур муовини аввали сардори Академия, н.и.ҳ., полковники милитсия Насуриён П.А. иштирок намуда, ба онҳо дар вазъияти тантанавӣ калиди ҷойи истиқоматӣ супорида, барояшон дар раванди таълим ва хизмат комёбиҳо орзу намуд.

Ҷавобан ба ин дастгириҳо курсантдухтарон изҳор доштанд, ки аз ин иқдом хушҳол гашта, роҳбарияти ВКД ва Академияи онро бовар мекунонанд, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил карда, ба халқу Ватан содиқона хизмат менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки чунин иқдоми нек пайваста дар Академия амалӣ мегардад,





ки он бахри дастгирии иҷтимоии курсантдухтарон мусоидат менамояд.

*С. Сафарзода,*
*О. Ҳайдарзода*

## Дарси кушод аз фанни ФОҶ

Барои баланд бардоштани савияи дониши курсантон ва омӯзгорони Академия, дар асоси дастури Вазири корҳои дохилӣ дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ аз 1-уми сентябри соли 2021 дар Академияи ВКД, санаи 2-юми сентябр аз ҷониби сардори шуъбаи адъюнктураи Академия, н.и.ҳ., полковники милитсия Н. Самиев дар синфхонаи шуъбаи адъюнктура бо истифодаи таҷҳизоти аёнӣ ва техникӣ дарси кушод аз фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо курсантони факултети №2 гузаронида шуд.

Дарси кушод дар дараҷаи баланди методӣ-педагогӣ ва ташкилӣ баргузор гардида, аз ҷониби роҳбарият ва ҳозирин баҳои мусбат гирифт. Курсантон низ дар дарси кушод фаъолнокӣ нишон доданд.

Чунин тадбирҳои муҳими таълимӣ аз ҷониби роҳбарияти Академия, махсусан шуъбаи таълими он мунтазам таҳти назорат ва иҷрои саривақтӣ қарор доранд.

*Б. Асламов,*
*Ш. Убайдуллоев*



## Ҷалби курсантон ба маҳфилҳои илмӣ

Рӯзи 21-уми сентябр бо иштироки омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети №4 - сардори кафедра полковники милитсия Раҳимзода Р.Р., дотсентони кафедра, полковникҳои милитсия Мақсадзода О.И. ва М. Муллобоев, муаллимони кафедра майори милитсия Н. Муҳаммадзода ва лейтенанти калони милитсия Б. Зарифзода фаъолияти Ҷамъияти илмии курсантон, яъне маҳфили "Ҳуқуқшинос" ба кори худ шурӯъ намуд.

Сараввал, ба фаъолияти маҳфили зикршуда сардори кафедра полковники милитсия Раҳимзода Р.Р. ҳусни оғоз бахшида, доир ба нақшаи тасдиқ-



гардидаи маҳфил, номгӯйи мавзӯъҳои маҳфил, ҳайати аъзо ва ҳадафи он ибрози ақида намуд. Инчунин, ӯ оид ба интихоби роҳбар, котиб, ҳайати таҳририяи маҷаллаи деворӣи ҳуқуқшинос ва муҳлати иҷроиши он суханронӣ намуд.

Доир ба гузаронидани маҳфил дар ин ҷаласа курсантон Р. Мирзоев, М. Раҷабова, Ҷ. Исмоилов ва дигарон суханронӣ намуда, қайд карданд, ки фаъолияти чунин маҳфилҳо бахри баланд бардоштани савияи дониши курсантон кумак хоҳад кард.

*Ҳасанзода Ҷ.Ҳ.,*
*роҳбари илмии маҳфили "Ҳуқуқшинос"-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети №4, лейтенанти калони милитсия*

# Молодежь против наркомании

После обретения национальной Независимости, Таджикистан прошёл нелегкий путь становления своей государственности. Проблемы, с которыми столкнулся Таджикистан, во многом были связаны с теми экономическими и геополитическими реалиями, которые возникли сразу после разрушения Советского Союза. В ходе государственного строительства в Таджикистане огромную роль играет формирование и конструирование новой истории таджикского народа, которая напрямую связана с проблемой таджикской идентичности.

Не менее важное значение для современного Таджикистана играет методологическое осмысление тех процессов, которые происходят как в социально-политической, так и в культурной сфере. Это связано с нарастающим интересом отечественных ученых к исследованиям в области научных направлений с использованием фактологического материала и тем, как соотнести его с новыми методологическими подходами.

Сегодня приобрела особую актуальность выработка собственного теоретического взгляда в отношении этих подходов, на основе тщательного их сопоставления с социально-политическим и культурным контекстом развития Таджикистана.

Так, проблема, связанная с вопросами этноса и нации активно разрабатывались в советский период. Сегодня произошёл сдвиг от направления изучения проблем нации, этноса в сторону исследования новых социальных явлений в тесном взаимодействии с наукой, образованием, стратегией развития молодежи и ее политики и т.д.

При этом одним из приоритетных направлений деятельности каждого государства, и Таджикистана в том числе, является отвечающая реалиям современности молодёжная политика. Это связано, прежде всего с тем, что молодёжь является будущим нации любого государства, поэтому молодёжь и ее проблемы всегда находятся в центре пристального внимания политики любого современного правительства.

В данном контексте следует отметить, что и в нашей республике стало замечательной традицией каждый год 23 мая (в День молодёжи) организация встречи Главы государства, уважаемого Эмомали Рахмона с молодёжью для решения проблем, связанных как с научной, образовательной деятельностью, так и других социально-политических проблем, которые для молодого поколения Таджикистана являются актуальными. Более того, 2017 год был объявлен Годом молодежи, что еще раз подтверждает неукоснительное внимание Главы государства к проблемам молодежи.

Если молодежь - это будущее нации государства, то талантливую и одаренную молодежь можно назвать гарантом ее чести и достоинства.

Только грамотная, талантливая молодежь, развивающая науку и берегущая культуру своей нации может служить необходимым связующим звеном в цепочке знаний, передаваемых от поколения к поколению. Талант подобен роднику, если государство не откроет ему дорогу, он рано или поздно пересохнет.

Точно также, подобно роднику, который утоляет жажду людей, всякий талант необходимо взращивать, беречь и сохранять, создавать благоприятные условия для его дальнейшего развития.

Поэтому реализация государственной молодежной политики каждой страны, в том числе и нашей республики, должна направляться на формирование необходимых условий и гарантий для самореализации личности молодого поколения вообще и личности в частности.

Но, к сожалению, несмотря на все усилия государства, направленного на реализацию эффективной молодежной политики, в обществе имеет место тенденция возрастания негативных факторов деградации в молодежной среде. Так, возросло число преступлений, совершаемых несовершеннолетними и молодежью, появились факты беспризорности, участились случаи потребления молодыми людьми наркотиков.




Поэтому, сейчас особую актуальность на сегодняшний день приобрела задача государства в лице ее компетентных органов, направленная на борьбу с наркоманией, в том числе, и среди молодежи.

Необходимо отметить, что наркомания и связанные с ней другие преступные деяния могут перерасти в национальную трагедию, стать угрозой для развития и будущего молодого поколения людей, и в конечном счете, безопасности страны.

В связи с этим, возникает вполне обоснованный вопрос, что же представляет собой наркомания, это преступление или болезнь? Так, с точки зрения медицины, если человек длительное время употребляет наркотические или психотропные вещества и его организм привыкает к этому веществу, то в этом случае человек является больным. Однако для признания деяний, связанных с наркотическими средствами в качестве преступления и дальнейшей квалификации этих деяний в соответствии со ст. ст. 200-201 Главы 22 (Преступления против здоровья населения) Уголовного кодекса Республики Таджикистан, возможно, когда в действиях подозреваемого присутствуют признаки состава преступления, цель и мотив преступления и, прежде всего, предмет преступления (наркотические средства и (или) психотропные вещества). Теоретически такие преступления можно разделить на три основные блока направлений преступной деятельности:

1. Преступления, связанные с незаконным оборотом наркотиков.

2. Преступления, совершаемые с целью добывания материальных средств для приобретения наркотиков.

3. Преступления, совершаемые лицами, находящимися в состоянии наркотического возбуждения.

Именно в своей совокупности эти блоки представляют самостоятельный вид преступности - наркотическая преступность.

Несмотря на все усилия в борьбе с наркотической преступностью силовыми структурами государства, результаты остаются неудовлетворительными. Это связано, прежде всего с тем, для что соседствующего с нами Афганистана торговля наркотическими средствами стала одним из основных методов создания экономической основы страны. По имеющимся данным, в Афганистане производится около 93% всех наркотикосодержащих веществ, производящихся в мире. Каждый год за контрабанду, перевоз и сбыт наркровеществ, на границах нашей республики задерживается большое количество граждан Афганистана.

Поэтому предотвращение этой трагедии является задачей не только сотрудников силовых структур, но и обязанностью каждого члена общества, который любит свою страну.

Другая мера предотвращения данного негативного фактора среди молодежи является предусмотренные и закрепляющие нормы статей уголовного закона.

В главе 22 УК Республики Таджикистан закреплены нормы ряда статей, предусматривающих уголовную ответственность за незаконный оборот наркотических средств или психотропных веществ с целью сбыта (ст. ст. 200-201 УК), хищение наркотических средств или психотропных веществ (ст.202 УК), незаконное производство, изготовление, переработка, приобретение, хранение, транспортировка или пересылка прекурсоров (ст. 202 (1) УК); за хищение прекурсоров (ст. 202(2) УК); за вовлечение в потребление наркотических средств или психотропных веществ (ст.203 УК); за незаконное культивирование запрещенных к возделыванию растений, содержащих наркотические веществ (ст. 204 УК); за организацию или содержание притонов для потребления наркотических средств или психотропных веществ (ст. 205 УК); за незаконный оборот сильнодействующих или ядовитых веществ с целью сбыта (ст. 206 УК) и т.д.

Объектами всех вышеназванных преступлений являются общественные отношения, охраняемые здоровье населения. Данные посягательства вредят здоровью населения и причисляются к тяжким и особо тяжким преступлениям. Ведь наркоман для того, чтобы получить очередную дозу наркотиков, готов на любые действия, способен на всё, даже на совершение преступлений (грабёж, убийство, кража, разбой и т.д.).

В состоянии наркотического опьянения человек, а особенно молодой, может представлять опасность и угрозу причинения физического вреда и себе, и окружающим его людям. Находясь под воздействием наркотиков, такой человек не может адекватно оценить ситуацию. В таком состоянии ему все равно, находится ли перед ним женщина, ребенок, или старик.

Против этого мы должны объявить общенародную борьбу, использовать возможности средств массовой информации, телевидения, радиовещания, Комитета по делам молодежи и спорта при Правительстве Республики Таджикистан.

Назрела необходимость в включении в учебную программу средних общеобразовательных школ, ВУЗов республики дополнительных занятий, посвящённых теме борьбы с наркоманией, её вреда, причиняющего обществу.

Ещё одним препятствием на пути развития наркомании может стать развитие физической культуры и поощрение занятий спортом. В связи с этим, государству необходимо разработать программу по борьбе с наркоманией среди молодёжи и несовершеннолетних и направить все усилия на ее реализацию.

Мы призываем всех членов общества исполнить свой гражданский долг в предотвращении наркомании путем правильного воспитания молодого поколения, применять в их отношении как меры поощрения, так и в некоторых случаях - принуждения. Ведь от этого зависит не только стабильность в государстве, но и жизни тысячи людей.

***Азимзода Н.Б.,***
***заместитель начальника факультета №2,***
***доктор юридических наук, профессор,***
***подполковник милиции***
***Сотникова Е.И.,***
***преподаватель кафедры административного право***
***и административной деятельности факультета №2,***
***капитан милиции***

## "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф"

# Роҳи Каҳкашон

ГАЛАКТИКА (юнонӣ galaktikos - ширранг), Роҳи Каҳкашон, Миҷарра, системаи бузурги ситораҳо, ки Офтоб бо ҳамаи сайёраҳояш мансуби он аст. Галактика аз маҷмӯи ситораҳои навъи гуногун, инчунин тарокуму ассотсиатсияҳои ситораҳо, туманоти газу ғубор ва атому заррахои ҷудогона, ки дар фазои байни ситораҳо пароканданд, таркиб ёфтааст. Қисми бештари компонентҳои Галактика ҳаҷми линзашакли бараш қариб 30 ва ғафсиаш қариб 4 кпк (килопарсек; мувофиқан 100 ҳазор ва 12 ҳазор соли рӯшноӣ), қисми ками онҳо ҳаҷми қариб сферашакли радиусаш 5 кпк (қариб 50 ҳазор соли рӯшноӣ)-ро ишғол кардаанд. Ҳамаи компонентҳои Галактика ба як системам динамикӣ марбутанд, ки он дар атрофи меҳвари хурди симметрия давр мезанад. Ба назари мушоҳиди заминӣ, ки андаруни Галактика аст, он ҳамчун Роҳи Каҳкашон (номи Галактика низ аз ҳамин ҷост) менамояд. Барои аз дигар галактикаҳо фарқ кардан Галактикаеро, ки Офтоб мансуби он аст, баъзан "Галактикаи мо" меноманд.



Ситораҳо ва материяи иборат аз газу ғубори байни ситораҳо ҳаҷми Галактикаро нобаробар пур кардаанд. Ҳуди Роҳи Каҳкашон тарокуми шумораи азими ситораҳост, ки зоҳиран ба як тасмаи паҳни сафедтоб монанд аст. Миқдори умумии ситораҳои Галактика ба 100 миллиард мерасад.

Массаи курраи Галактика якҷоя бо тамоми ситораҳо ва моддаи байниситоравӣ ба 1011 массаи Офтоб, яъне қариб ба 1044 г баробар аст. Сохти Галактикаи мо ба сохти галактикаи калон дар бурҷи Андромеда, галактика дар бурҷи Гесӯ ва ғайра монанд аст. Вале мо андаруни Галактика истода, тамоми сохти онро пурра дида наметавонем, ки ин омӯзиши онро душвор мегардонад.

Табиати ситоравии Роҳи Каҳкашонро бори нахуст соли 1610 Галилео Галилей ошкор намуд, вале омӯзиши муттасили сохти Галактика фақат дар охири асри 18 оғоз ёфт. Соли 1859 астрономи рус М.А. Ковалский ақидаи дар атрофи меҳвараш чарх заданӣ тамоми система ва Галактикаро пеш гузошт. Солҳои 20-уми асри гузашта астрономи амрикоӣ Ҳ. Шеплӣ мавқеи ғайримарказии Офтобро дар Галактика исбот карда, сӯйи маркази Галактикаро муайян намуд (дар бурҷи Қавс). Астрономи шведӣ Б. Линдблад бошад, тафовути куллӣ доштани суръатҳои ситораҳоро дар фазо, ки дар қисматҳои гуногуни Галактика воқеъ буда, як системам нисбат ба ҳамвории галактикӣ симметриро ташкил медиҳанд, ошкор намуд. Астрономи ҳолландӣ Я. Оорт соли 1927 дар атрофи меҳвари хурди худ давр задани Галактикаро исбот намуд. Маълум гардид, ки қисми дохилии ба марказ наздики Галактика назар ба қисми берунии он тезтар давр мезадааст. Суръати чархзании он қисми Галактика, ки дар масофаи 10 кпк аз маркази он воқеъ буда ва Офтоб дар он ҷойгир аст, қариб 250 км/сония мебошад; даври гардиши пурраи ин минтақаи Галактика 180 миллион сол аст.

Қисмҳои гуногуни Галактика аз компонентҳои муайяни ба ҳамон қисмҳо хос таркиб ёфтаанд. Соли 1948 тадқиқотчиёни Шӯравӣ Галактикаро бо ёрии шуоъҳо ва инфрасурх мушоҳида намуда, бори аввал тасвири ядрои онро ба даст оварданд. Мушоҳидаҳои солҳои 50-уми асри 20 нишон доданд, ки дар Галактикаи мо шохаҳои спиралӣ низ мавҷуданд. Агарчи Галактика ҳудуди аниқ надорад, нисбати ғафсии он ба диаметри экваториаш тақрибан 1:10 аст. Ғафсии он қабати Галактика, ки бо қади ҳамвории экватори галактикӣ воқеъ гардида, андарунаш аксари ситораҳо ва массаҳои асосии моддаи байниситоравӣ ҷой гирифтаанд, 400-500 пк мебошад. Зичии ситораҳо дар фазои ин қабат чунин аст, ки ба ҳаҷми кубшакли тегаҳояш 2 пк як ситора рост меояд. Дар атрофи Офтоб миқдори ситораҳо камтар аст. Ба андозаи наздик шудан ба маркази Галактика, ки аз Замин дар бурҷи Қавс намоён аст, зичии ситораҳо зиёд мешавад. Пас, зичии фазовии ситораҳо ҳам ба ҷониби ҳамвории Галактика ва ҳам ба ҷониби маркази он зиёд шуда меравад. Массаи умумии гази байниситоравии Галактика қариб 0,05 ҳиссаи массаи ҳамаи ситораҳоро ташкил медиҳад.

Дар Галактика се тахтсистема: ҳамвор, мобайнӣ ва сферавиро фарқ мекунанд. Тахтсистемаи ҳамвор аз ситораҳои нави тафсон, ситораҳои навъи сафеди даври тағйирашон калон, ассотсиатсияҳои ситорай, тарокумҳои пароканди ситораҳо ва газу ғубор таркиб ёфтааст. Синни ин тахтсистема беш аз 5 миллиард сол аст.

*Холзода К.А., омӯзгори Академия*

# Шанбегӣ

Мутобиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҷаласаи назди Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, бинобар эълон намудани рӯзҳои шанбе ҳамчун Рӯзҳои экология ҳайати шахсии Академия санаи 18-уми сентябр ба шанбегии умумӣ баромада, барои тозаю озода намудани гирду атрофи бинои асоси ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, рангу бори роҳравҳо, синфхонаҳо, кабудизоркунӣ ва шинондани гулу буттаҳои ороишӣ чалб карда шуданд.





Чунин ободкориҳо агар аз як ҷиҳат ба симои зоҳирии пойтахти кишвар ҳусни дигар зам намояд, аз ҷониби дигар фазои экологии кишварро софу беғубор менамояд. Аз ин лиҳоз, новобаста ба самти фаъолият вазифаи ҳар як сокини кишвар аст, ки ҷиҳати ободу дилкаш ва сабзу хуррам гардонидани кишварамон саҳми арзандаи хешро гузорад.

*У. Олим, С. Сафарзода*



**МУАССИС:**
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.**
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Шарифзода Ф.Р.**
*Сардори Академияи ВКД*

**Насуриён П.А.**
*Муовини аввали сардори Академияи ВКД*

**Саидзода З.А.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

**Ализода А.Ш.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* **Умед Олим**
*СУРАТГИР:* **Шавкат Убайдуллоев**
*ТАРРОҲ:* **Муҳаббат Рашидова**

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд. Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

**НИШОНӢ:**
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

**Телефонҳо:**
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха